Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-090-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Тақризи роҳбари илмӣ
ба диссертатсияи Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода дар мавзуи: «Таърихи таъсис ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон: таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст. Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи мавзуи диссертатсия газаронида шудааст. Муҳтавои он ба номи мавзуъ мутобиқат дорад. Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат дорад.

Мубрамии мавзуи диссертатсия. Мавзӯи интихоб намудаи муаллиф мубрам ва муҳим аст. Таҳқиқи таърихи таъсисёбӣ ва рушди адвокатура барои дарки принсипҳои адолати судии муосир, мустақилияти касби адвокат ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳимм дорад. Дар давлати ҳуқуқбунёд институти адвокатура дар ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон нақши муҳим дорад. Дар шароити ислоҳоти ҳуқуқӣ ва мустаҳкам намудани мақоми адвокат дар мурофиаи мубоҳисавӣ рӯ овардан ба решаҳои таъсисёбии институти ҳимоятгар барои дарки хусусиятҳои хоси адолати судии миллӣ имконият медиҳад.

Муаллиф барҳақ зикр намудааст, ки решаҳои адвокатураи миллии тоҷик аз меъёрҳои Авесто, Қонунномаи Сосониён ва анъанаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ (институти намоянда, мазолим, андарзгар, вакил) сарчашма гирифтааст.

Дар Осиёи Миёна институти адвокатура баъди ҳамроҳ намудан ба Россияи подшоҳӣ ба вуҷуд омад ва асосан ба ҳимояи раияҳои империя равона буд. Замони

шуравӣ бо таъсисёбии адвокатураи шуравӣ заминаи адвокатураи муосири тоҷик гузошта шудааст.

Таҷдиди назар намудани рушди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла адвокатура, ки бо ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, корхонаҳою муассисаҳо ва ташкилотҳо машғуланд ба сифати мавзӯи мубрами илмӣ дар соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ баҳогузорӣ гардида, заминаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти адвокатура, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ, унсурҳои ба қонунгузории соҳавӣ таъсиррасон ва роҳҳои такмилдиҳии онро муайян менамояд.

Дар замони Истиқлол дар самти ташаккули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва танзими муносибатҳо дар соҳаи адолати судӣ, минҷумла адвокатура тадбирҳои мушаххас амалӣ гардида, як қатор барнома, стратегия ва консепсияҳо қабул карда шуданд. Дар ташаккули адвокатураи Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи таърихии даврони шуравӣ нақши муҳим дорад, зеро он солҳо заминаи адвокатураи муосир гузошта шудааст ва ҳодисаҳоро ба ҳам муқоиса карда, мавридҳои муносибро дарёфт кардан мумкин аст, ки муқоисаи онҳо барои гирифтани иттилооти муфид мусоидат мекунад ва такрори хатогиҳоро пешгирӣ мекунад. Маҳз аз ин лиҳоз таҳқиқоти интситути адвокатура дар замони гузашта муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Ислоҳоти ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва адвокатураро фаро гирифта, ба баланд бардоштани нақши онҳо дар ҷомеа равона шудааст ва ба назар гирифтану истифодаи таҷрибаи эъҷобии андӯхташударо барои рушди минбаъдаи низоми адвокатураи мамлакат тақозо мекунад.

Адвокатура иттиҳодияи касбии мустақил буда, институти муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад, ки дар давлати ҳуқуқбунёд ҳуқуқу озодиҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд, ҳамчунин иттиҳодияҳои онҳоро бо роҳи расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҳимоя мекунад. Маҳз ҳамин хусусияти хоси

фаъолияти адвокатура имкон медиҳад, ки фаъолияти он чун мақомоти мустақил ба ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон равона гардад.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқро инчунин зарурати ҳалли вазифаи созмон додани низоми адвокатураи мустақил ва фаъолияти босамар дошта ва бо нуфузи худ дар ҷамъият маъруфият пайдо карда, муайян мекунад. Ҳалли ин масъала фақат дар натиҷаи таҳқиқи дақиқонаи рушди таърихии мақоми адвокатура дар давлатдории тоҷикон муяссар мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасии воқеӣ ва баробар ба ёрии ҳуқуқӣ дар ҳамаи марҳилаҳои тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Давлат тамоми шароитро барои таъмини ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандони камбизоат, ҳамчунин барои пардохти ёрии ҳуқуқии ройгон, ки тибқи қонун расонида мешавад, таъмин менамояд.

Адвокатура яке аз ҳалқаҳои муҳимтарини низоми ҳуқуқии давлат мебошад, ки ба амалигардонии пайдарпайи принсипҳои демократии адолати судӣ мусоидат менамояд.

Мақсаду вазифаҳои диссертатсия ва навгонии онҳо. Муаллиф мақсади асосиро дар таҳқиқи раванди таърихии ташаккули институти адвокатура, институти ҳимоя дар истеҳсолоти судии Тоҷикистони бостон, ташаккули адвокатура чун институти мустақил дар ҶМШС Туркистон, ҶХШ Бухоро, ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта, ин вазифаро бомуваффақият иҷро намудааст.

Асоси назариявии таҳқиқи диссертатсионӣ. Аз ҷониби муаллиф асарҳои илмии олимони ҳуқуқшинос, мутахассисони соҳаи таърихи давлат ва ҳуқуқ мавриди таҳлил қарор додааст. Дар раванди таълифи диссертатсия ба омӯзиши таълифотҳое, ки ба таърихи мурофиаи судии собиқ ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бахшида шудаанд, диққати махсус додааст. Унвонҷӯ ба таълифоти олимоне, ки дар самти асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ пурмаҳсул кор кардаанд: Б.Ф. Абушахмин, В.Н. Буробин, Э.Б. Буризода, У.А. Азиззода, В.А. Вайпан, А.А. Власов, Е.П. Данилов, З.Ҳ. Искандаров, С.С. Камилов, М.Т. Коротких, И.Н. Куксин, Ю.Ф. Лубшев, И.Н.

Лукянов, Л.П. Михайлов, И.С. Муҳаммадиев, А.Ғ. Холиқзода, Г.С. Азизқулова, М.С. Ҳайдарова, Н. Мирзозода, Ҷ.З. Маҷидзода, Р.С. Одинаев, М. Равич, А.Х. Расулев, С.А. Раҷабов, А.Э. Раҳматуллоев, Ф.М. Абдулхонов, Е.В. Семеняко, А.В. Гришенко, А.Я. Сухарев, М.Н. Тихомиров, Ю.А. Тихомиров, В.Л. Василевская, Липка Д.В., Л. Львова, К.Н. Апраксин, Г.П. Саркисянс, Ш. Розиқов, Х.С. Сулаймонова ва дигаронро чуқур омӯхтааст.

Навгонии методологии таҳқиқи диссертатсионӣ. Унвончӯ таҳқиқоти диссертатсионии худро дар асоси назарияи умумифалсафии маърифат ва татбиқи усулҳои мушаххасу илмӣ, ба мисли усулҳои диалектикӣ, таҳлили ҳодисаҳои иҷтимоӣ, идроки таърихию ҳуқуқӣ, мантиқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ низомманду сохторӣ, муқоисавию ҳуқуқӣ, маҷмуӣ ва объективию материалистии раванди таърих ба роҳ мондааст ва ба хулоса омадааст, ки дар замони шуравӣ маҷмуи асосии таҳқиқот дар бораи таърихи ташаккул ва инкишофи адвокатура бо самтгирии назарраси идеологӣ тавсиф меёфт ва ба шарҳу тавзеҳи расмии назарияи марксистию ленинии таърихию ҳуқуқӣ мувофиқат дошт.

Навгонии заминаи эмпирикии диссертатсия. Муаллифи диссертатсия ба омӯзиш ва таҳқиқи маводи ҳуҷҷатӣ, ки дар Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгонии давлатии вилояти Суғд, бойгонии Президиуми коллегияи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз бударо омӯхта, қисми зиёди онҳоро бори аввал ба гардиши илмӣ ворид намудааст.

Дар раванди таҳқиқот феҳрастҳо, ҳисобот дар бораи кори коллегияи ҳимоятгарони ҳуқуқ, фармонҳо, суратҷаласаҳо, мактубҳои иттилоотӣ ва маъмурию дастурӣ, маводи машваратҳо ва ҷаласаҳои коллегияҳои мақомоти адлия, парвандаҳои ҷиноятию маданӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ва Низомномаҳо дар бораи адвокатура мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Декрету қарорҳои анҷуманҳои Шуроҳо, КИМ-и ИҶШС, Шурои Комиссарони Халқи ИҶШС, КИМУ ҶФШСР, КИМ ҶМШС Туркистон, ҳуҷҷатҳои Генерал-губернатории Туркистон ва дигар мақомоти роҳбарикунандаи ҳокимият ба ҳамин қатор дохил мешаванд.

Ҳангоми таълифи диссертатсия инчунин, маводи матбуоти даврӣ, мақолаҳои муаррихон, ҳуқуқшиносон, кормандони адлия истифода шудаанд.

Навгонии илмии диссертатсия. Муаллиф марҳилаҳои рушди фаъолияти адвокатураро дар Тоҷикистон муайян намуда, ба низом дароварда, онро ба чор давраи муҳим ҷудо кардааст. Ҷанбаҳои асосии навгониро таъмини шаклҳои тоинқилобии намояндагӣ дар судҳо, таҳқиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба адвокатура ва ташкили коллегияи ҳимоятгарон ва ҳомиёни ҳуқуқ дар Тоҷикистони шуравӣ инчунин қонуниятҳои рушди институти адвокатураи давраи соҳибистиқлолиро ташкил мекунанд. Масоиле, ки дар диссертатсияи мазкур таҳқиқ шудаанд, дар илми ҳуқуқшиносӣ ва таърихнигории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор нагирифта буданд. Сабаби ин ҳолат аз як тараф, омӯхта нашудани сарчашмаҳои ҳуҷҷати манбаи аввалин буд, ки таҳқиқи онҳо кори зиёди муқаддимотиро тақозо мекард. Аз ҷониби дигар, худи раванди ҷустуҷӯ ва низомбандии мавод дар давраи пайдоиши давлати тоҷикон кори мураккаби меҳнатталаб аст, зеро дар ин давра як қисми ҳудуди Тоҷикистон дар аввал ба ҳайъати ҶМШС Туркистон, баъдтар ба ҳайъати ҶШС Ӯзбекистон дохил мешуд, бинобар ин олимон ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намекарданд.

Дар асоси таҳлили маводи бойгонӣ ва адабиёти илмӣ муаллиф бори аввал таърихи ташаккул ва инкишофи адвокатураро чун мақоме, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инчунин айбдоршавандаро зери ҳимоят мегирад, робитаю ҳамкории онро бо дигар иштирокдорони мурофиаи судӣ баррасӣ кардааст.

Навгонии таҳқиқотро, пеш аз ҳама нуқтаи зерин собит месозад: - таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти монографӣ мебошад, ки дар он барои таҳлили илмии маҷмуии равандҳои ташаккул, инкишоф ва фаъолияти адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода шудааст. Навгонии илмии диссертатсияро ҳамчунин вижагиҳои сарчашмаҳои дар он истифодашуда, пеш аз ҳама маводҳо ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, шумораи зиёди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ, Низомномаҳо, дастуруламалҳо ва

мактубҳои идории маъмурию дастурии интишоркардаи ҶМШС Туркистон, Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро, ҶШС Тоҷикистон муайян мекунанд, ки ба масъалаи мавриди таҳқиқ муносибати бевосита доранд ва аксарияти онҳо бори аввал ба муомилоти илмӣ ворид карда мешаванд.

Дар диссертатсия хусусиятҳои вазъияти таърихии ташаккули институти ҳимоя дар давлатдории қадимаи тоҷикон, аз Сосониён то қарни XIX муфассалан баррасӣ шудаанд.

Сохтори диссертатсияро муаллиф мутобиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ интихоб намудааст. Боби якуми диссертатсия - «Ташаккул ва инкишофи институти адвокатура дар таърихи давлатдории тоҷикон» ном гирифтааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат буда, дар он пайдоиши унсурҳои адвокатура дар таърихи қадимаи давлатдории тоҷикон ва зардуштия, институти намояндагӣ ва вакил дар марҳилаи исломии рушд заминаҳои таърихӣ - ҳуқуқии ташаккули институти ҳимоя дар Тоҷикистони таърихӣ ва ташкили фаъолият ва хусусиятҳои амалкарди институти адвокатураи Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Шурави Сотсиалистии Туркистон ва дар ҳайати Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро ба таври пурра омӯхта шуда, хусусиятҳои хоси давраҳои мазкур муайян намудааст.

Боби дуюми диссертатсия - «Ташаккулёбии институти адвокатура дар ҶМШС Тоҷикистон ва асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатура дар ҶШС Тоҷикистон» номгузорӣ карда шуда, он аз се зербоб иборат мебошад.

Муҳаққиқ барҳақ қайд менамояд, ки марҳилаҳои асосии ташаккулёбӣ ва инкишофи адвокатураи шуравӣ, ба адвокатураи ҶМШС Тоҷикистон низ хос аст. Бо баррасии андешаҳои олимон ва муҳаққиқони соҳа унвонҷӯ таъкид менамояд, ки азбаски Тоҷикистон ба ҳайъати ҶШС Ӯзбекистон дохил мешуд, таърихи адвокатураи он хусусиятҳои худро дорад, ки вижагиҳои шароити мушаххаси инкишофи таърихии онро дар ҳайъати Ҷумҳурии Ӯзбекистон инъикос мекунад.

Боби сеюми диссертатсия - «Инкишофи институти адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити Истиқлоли давлатӣ» ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад.

Муаллиф зикр намудааст, ки адвокатура дар тӯли бештар аз сӣ сол роҳи муайяни инкишофро аз институти пароканда ба шаклҳои мураттабу муназзам бо мақоми ягонаи роҳбарикунанда ва ташкилотҳои ҳамкории зичи мутақобила доштаро тай кардааст. Дар ин муддат дар худи фаъолияти адвокатура тағйироти бунёдӣ рух доданд. Бори нахуст дар сатҳи қонунгузорӣ табиати маданию ҷамъиятии он муайян ва мустаҳкам карда шудааст.

Муаллиф иброз менамояд, ки ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи адвокатура бидуни таҳқиқи пояҳои ҳуқуқӣ, ки асоси фаъолияти онро ташкил мекунад, ҳамчунин берун аз алоқамандии он бо қонунгузории соҳавӣ ва сарчашмаҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ, ки қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии Тоҷикистон мебошад, ба риштаи таҳлил кашидан ғайриимкон аст.

Дар қисми хулосавӣ муаллиф таклифу пешниҳодҳои назариявӣ ва амалии худро барои рушди самаранокии фаъолияти адвокатӣ ва танзими ҳуқуқии адвокатура баён кардааст, ки саривақтӣ ва асоснок мебошан.д

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки муқаррароти онро бо назардошти воқеияти таърихию ҳуқуқӣ доштани он дар раванди гузаронидани ислоҳоти институти адвокатура дар Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои таҳқиқот ба такмили минбаъдаи асосҳои этикии фаъолияти адвокатӣ ва пешбурди фаъолияти адвокатӣ мусоидат менамоянд. Тавсияҳо оид ба такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ мумкин аст, ки аз ҷониби субектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва мақомоти ҳокимияти қонунгузор дар раванди фаъолияти қонунэҷодкунӣ ба назар гирифта шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани он, робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони дигар, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот оид ба мавзуъ, инъикоси объективии муаммоҳои қонунгузории адвокатура ва

фаъолияти адвокатӣ, таҳлили маводи илмию амалии соҳавӣ, усулҳои гузарондани таҳқиқот, инчунин, мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ифода мегардад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳод шаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад.

Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда. Доир ба муҳтавои диссертатсия 14 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақола дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, ба он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тағйиру иловаҳо ворид шудаанд, мутобиқат дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, ба он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тағйиру иловаҳо ворид шудаанд, мутобиқат дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода дар мавзуи: «Таърихи таъсис ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» таҳқиқи илмӣ - методологии анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон **Муҳаммадиев И.С.**

Имзои Муҳаммадиев Изатулло
Сайфуллоевичро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсусӣ
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Бобоев А.Х.**

« 17 **»** 10 **соли 2025**